**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, биноии таълимии №8)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст, ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), банди 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; равандҳои ҳамгироии равандҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар сатҳи миллӣ, давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва паёмадҳои он; ташаккули стратегия ва сиёсати иқтисодии давлат; масъалаҳои назариявии бехатарии иқтисодӣ; банди 2.3. Қонуниятҳо, хусусиятҳо марҳилаҳои инкишофи кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида, омилҳое, ки хусусиятҳои инкишофи онҳоро муайян мекунад, мутобиқ аст.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҳамгироии иқтисодӣ яке аз муҳимтарин равандҳои иқтисодии ҷаҳони муосир аст, ки ба рушди иқтисоди кишварҳо, мустаҳкам шудани робитаҳои байналмилалӣ ва ҳалли мушкилоти глобалӣ мусоидат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва глобализатсия, кишварҳо бояд барои муқовимат ба мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳамгироӣ ва ҳамкории мутақобила рӯ биёранд. Ин раванд барои кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти махсус дорад.

Мавзӯи диссертатсия ба омӯзиши қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин ба таҳлили ҳамкориҳои

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ бахшида шудааст. Ин мавзӯъ бо талаботи замони муосир ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад, зеро ҳамгироӣ барои таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ зарур аст.

Мубрамияти мавзӯъ дар он аст, ки он ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳамгироии иқтисодӣ, ки дар шароити муосир барои кишварҳои дар ҳоли рушд муҳим мебошанд, марокизи диққат қарор медиҳад. Дар ин самт таҳлили назарияҳо, қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин таҳқиқи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ муҳим мебошад. Ин барои рушди назарияи иқтисодӣ ва амалисозии сиёсати иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Мубрамияти мавзӯъ инчунин дар он аст, ки он барои рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аҳамияти амалӣ дорад. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Инчунин, тавсияҳо оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ метавонанд ба рушди иқтисоди кишвар мусоидат кунанд.

Ҳамин тавр, мавзӯи диссертатсия бо мубрамияти худ, назарияҳо ва қонуниятҳои ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин бо таҳлили амалии ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди илм ва амалиёти иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Ин мавзӯъ бо талаботҳои замони муосир ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад ва метавонад барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дошта бошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич навгониҳои илмӣ, ки дар шароити муосир барои таҳлили қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он ба даст оварда шудаанд, ба таври зерин ҷамъбаст карда мешаванд:

1) дар асоси таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ (классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ ва институтсионалӣ), моҳият ва мундариҷаи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд. Ин таҳлил нишон дод, ки ҳар як мактаб хусусиятҳои асосӣ ва хоси рушди равандҳои

ҳамгироиро фаҳмида, онҳоро бо роҳҳои гуногун шарҳ додааст. Қонуниятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ, аз қабили муайян кардани хусусияти муносибатҳои ҳамгироӣ, таъсири шароити ташаккули муносибатҳо ба табиати онҳо, мувофиқии шакл ва мазмуни ҳамгироӣ, маҳдудиятҳои ҳамгироӣ дар ҳолати номаҳдуд будани субъектҳо ва гузариш аз шаклҳои содда ба мураккабтар, муайян карда шуданд;

2) ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун раванди иттиҳоди муттақобилаи иқтисодии байни кишварҳо фаҳмида шудааст, ки дар заминаи робитаҳои амиқу устувори иқтисоди миллӣ дар натиҷаи бастани шартномаҳо ва созишномаҳои ҳамкорӣ ташаккул меёбад. Ин таҳлил барои фаҳмиши амиқи равандҳои ҳамгироӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ аҳамияти калон дорад;

3) хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ, аз қабили ихтиёрӣ будани ҳамгироӣ, мавҷудияти зерсохтори тараққикарда дар ҳамкории мутақобила, ҷалби сармояи хориҷӣ, назорати қатъӣ ва дурусти иҷрои шартномаҳо, мавҷудияти органҳои марказӣ ва чандирии равандҳо муайян карда шудаанд. Ин хусусиятҳо барои ташаккули ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди он калидӣ ҳисоб мешаванд;

4) исбот шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ҷанбаҳои содиротӣ ва сармоягузорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Таҳлили ҷанбаҳои содиротӣ ва сармоягузории ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он нишон додааст, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили фаъолияти содиротӣ барои рушди иқтисоди кишвар муҳим мебошанд;

5) соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, минералҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сайёҳӣ ҳамчун самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон муайян карда шуданд. Ин соҳаҳо барои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисоди кишвар афзалиятнок ҳисоб мешаванд;

6) самтҳои самаранокии ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) муайян карда шудаанд. Муаллиф ба таҳлили хусусиятҳо ва имкониятҳои ИИАО машғул шуда, нишон додааст, ки ин иттиҳод барои Тоҷикистон имкониятҳои нав барои рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва васеъ намудани ҳамкориҳои минтақавӣ фароҳам меорад. Муайян карда шудааст, ки дурнамо ва хусусиятҳои хоси ИИАО аз байн бурдани маҳдудиятҳо байни аъзоён дар чаҳор самт – пеш аз ҳама ҳаракати

озодонаи сармоя, қувваи корӣ, молҳо ва хизматрасониҳо иборат аст. Ин самтҳо барои Тоҷикистон имкониятҳои зиёде барои рушди иқтисодӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ фароҳам меоранд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулосаву пешниҳодот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифаи чопи компютерӣ иншо гардидааст. Дар диссертатсия 10 ҷадвал, 2 расм, 3 диаграмма оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 205 номгӯ иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок, сатҳи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмию амалӣ баррасӣ, мақсад, вазифаҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқотӣ ишора гардида, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотӣ нишон дода шудаанд.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявӣ ва қонуниятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ» паҳлуҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи он таҳқиқ гардида, хусусиятҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт муайян ва асоснок гардида, таҳаввулоти назариявии муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди марҳилаҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

**Дар боби дуюм** «Таҳлили муносибатҳои ҳамгироии байналхалқии иқтисодии Тоҷикистон дар шароити муосир» ҳолати муосири рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, масъалаҳои содиротии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он баҳогузорӣ шудаанд ва ҷанбаҳои сармоягузории тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ таҳқиқ гардидаанд.

**Дар боби сеюм** «Такмили механизми идоракунии равандҳои ҳамгироӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он» самтҳои асосии мукаммалгардонии ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ муайян гардида, афзалиятҳо ва дурнамои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё пешниҳод карда шудаанд.

Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи диссертатсия ба қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар хулосаи диссертатсия тавсияҳои амалӣ оид ба рушди ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои гуногуни ҳамгироӣ пешниҳод намудааст.

**4. Асосnокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо, умумисозӣ, равиши оқилона, ҳамчун усули муқоисавӣ ва монанди инҳо тасдиқ мегардад.

Унвонҷӯ дар диссертатсия паҳлуҳои назариявии ташаккули ҳамгироиро таҳқиқ намуда, дуруст қайд кардааст, ки мактабҳои иқтисодӣ гуногунандешии худро нисбат ба ҳамгироӣ иброз доштаанд, ки ҳар кадом паҳлӯҳои муҳимро шарҳ медиҳад (саҳ. 32-33 дисс.). Дар натиҷаи таҳқиқи онҳо ба хулоса омадааст, ки мақсад ва ҳадафҳое, ки давлат онҳоро дар назди худ гузоштааст, ба худ комилан фаҳмиши назариявӣ гирифта шаклу намудҳои муосири муносибатҳои байналмилалиии иқтисодиро ба миён меоваранд (саҳ. 33 дисс.). Муаллиф қонуниятҳои рушди ҳамгироии иқтисодиро саҳеҳ муайян намуда, хусусияҳои онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудааст (саҳ. 34 дисс.).

Масъалаи хусусиятҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиётро таҳқиқ намуда, унвонҷӯ чунин андешаронӣ кардааст, ки ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли объективии ҷомеа маҳсуб ёфта, ба давлатҳои миллӣ таъсири худро дар шаклу сатҳҳои гуногун мерасонад. Зеро заминаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷамъият ва муаммоҳои он, масъалаи ҳалли онҳоро ногузир ба ҳамгироӣ даъват мекунад (саҳ. 35-36 дисс.). Инчунин аз ҷиҳати методологӣ ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ҷаҳонишавӣ дуруст таҳқиқ шудааст, ки дар натиҷаи он, унвонҷӯ хулоса мекунад, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйирот дар низоми мавҷудаи ҷаҳонӣ ба таври объективӣ давлатҳо ва минтақаҳои муосирро ба ҳамгироӣ ҳамчун механизми ҳамкории муассир водор месозад (саҳ. 37 дисс.), ки ба ин ақида зид баромадан хеле мушкил аст. Унвонҷӯ дуруст хулоса мекунад, ки ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷаҳонишавӣ дар сатҳи муносибатҳои умумиҷаҳонии иқтисодӣ равандҳои ҳамҷаворӣ ба ҳам касб кардаанд ва дар рушди ҳаёти иқтисодии кишварҳо ба ҳам бархурд хоҳанд дошт (саҳ. 41 дисс.).

Таҳаввулоти назариявии муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди марҳилаҳои онро мавриди омӯзиш қарор дода, дар рисола бамаврид қайд шудааст, ки дар шароити муосир хусусияти асосӣ ин аз

ҳамдигар вобаста будани иқтисоди мамлакатҳо, рушди равандҳои ҳамгироӣ ва гузариши мамлкатҳои тараққикарда аз иқтисоди миллии шакли пӯшида ба иқтисоди кушод мебошад.

Ҳолати муосири рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, унвонҷӯ бамаврид қайд менамояд, ки ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир чӣ дар сатҳи сохторҳои ҳамгироӣ ва чӣ берун аз он ба худ шаклу намудҳои нав мегирад ва рӯз то рӯз тавсеа меёбанд (саҳ. 61 дисс.), инчунин муайян шудааст, ки шарикони асосии гардиши мол бо Тоҷикистон кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ мебошанд (саҳ. 61 дисс.). Вазъи рушди ҳамкориҳоро дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) таҳлил намуда, муаллиф дуруст зикр мекунад, ки дар шароити дигаргунсозиҳои муосири байналхалқӣ фаъолияти ИДМ барои боз ҳам такмил ва рушд додани муносибатҳои ҳамгироӣ имкониятҳои калон дорад. Дар байни кишварҳои ИДМ мавҷудияти фазои ягонаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ, инчунин системаи амнияти дастаҷамъона аз хатару таҳдидҳои рӯзафзун, мақсаднок арзёбӣ мегардад (саҳ. 71 дисс.). Унвонҷӯ дуруст хулоса кардааст, ки кишварҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ҳайати ИДМ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда, маҷмӯи маҳсулоти дохилии онҳо дар солҳои охир афзоиш ёфт (саҳ. 75 дисс.).

Дар рисола дуруст хулоса шудааст, ки Созмони Ҳамкории Шанхай намунае аз созмони иқтисодии минтақавӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф мебошад. Иштироки Тоҷикистон дар СҲШ бевосита дараҷаи ҳамгироии онро ба иқтисоди ҷаҳонӣ муайян мекунад ва дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодӣ таъсир мерасонад (саҳ. 80 дисс.). Барои Тоҷикистон ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар ин созмони ҳамгироӣ муҳим ва умедбахш аст (саҳ. 82 дисс.).

Дар диссертатсия дуруст қайд гардидааст, ки дар самти ҳаракати молу маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ, яке аз омилҳои муҳим ин мусоидат ва дастгирии давлатии содирот ба ҳисоб меравад (саҳ. 82 дисс.). Зикр гардидааст, ки иқтисодиёти миллии дорои сохту сатҳи тараққиёташон гуногун дар ҳақиқат ҳам ҳамгироӣ карда метавонанд. Зеро он раванди нисбатан мураккаб ба ҳисоб рафта, аз давлатҳои ҳамгирошуда тақозо менамояд, ки дар самти савдои хориҷӣ ва дигар соҳаҳои иқтисод фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд (саҳ. 93 дисс.). Ақидаи муаллиф дуруст аст, ки дар натиҷаи татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон

гардиши савдои хориҷӣ, пеш аз ҳама содирот афзоиш ёфтааст. Дар самти такмили иқтидори содиротии мамлакат тавсияи муаллиф заминаи объективӣ дорад, ки барои афзоиш ёфтани содироти маҳсулоти ватанӣ ба берун аз мамлакат, бояд ҳар чӣ бештар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо оиди технология ва инноватсияҳо ва молу маҳсулоти нави миллӣ ташкил карда шавад. Истеҳсолкунандагони ватаниро, ки молу маҳсулоташон ба содирот нигаронидашуда аст, аз ҷониби ҳукумат мавриди дастгирӣ қарор додашуда ин субъектҳои истеҳсолкунанда бо ҷоизаҳо аз ҷониби давлат дастгирӣ ва ҳавасманд карда шуда заминаҳои меъёрию ҳуқуқии рушди содирот такмил дода шавад (саҳ. 94 дисс.). Инчунин хулосаи муаллиф ҷолиби диққат аст, ки бо мақсади муътадил гардонидан ва дар оянда афзоиш додани содироти маҳсулоти тайёр давлат бо маҷмӯи субъектҳои истеҳсолкунандааш кӯшиш намоянд ва дар самти сиёсати берунии иқтисодӣ чораҳои муҳим андешад. Дар ин робита боз ҳам шумораи корхонаҳои саноатии истеҳсолкунанда ва ба содиротнигаронидашуда бояд афзоиш дода шавад ва лоиҳаҳои муштарак бо кишварҳои аъзои сохторҳои ҳамгироӣ амалӣ гардонида шавад (саҳ. 100 дисс.).

Унвонҷӯ сармоягузориро дар раванди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ риштаи муҳими муносибатҳои иқтисодӣ ҳисобида, ҷалби сармояҳои хориҷиро ба соҳаҳои энергетика, иқтисоди сабз, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, тандурустӣ ва фармасевтика, технология ва рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ва натиҷаи мусбии раванди ҳамгироӣ баррасӣ мекунад, ки қобили қабул аст (саҳ. 102-105 дисс.). Дар ҳақиқатбоиси нигаронӣ аст, ки омили асосии монеъшаванда ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт ин рушди сусти бозори қоғазҳои қимматнок дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар ин самт бозори қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва бозори саҳҳомиро зарур аст, ки бештар фаъолият намоянд (саҳ. 119 дисс.).

Дар рисола самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ аз ҷониби муаллиф муайян гардида, омили пешбарандаи рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди сармоягузорӣ арзёбӣ гашта, аз ин нигоҳ соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, маъданҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сайёҳӣ объекти самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодӣ ва афзалиятноки сармоягузорӣ дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он баромад карда метавонанд (саҳ. 124-125 дисс.).

Ба андешаи унвонҷӯ, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар давлатҳо дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он боиси тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодии кишвар дар ҳайати ин созмонҳо гашта сабаби зиёдтар ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба хоҷагии мамлакат мегардад, ки ин ба болоравии сатҳи зиндагӣ ва рушди иқтисоди кишвар мусоидат хоҳад кард. Субъектҳои хоҷагидориро зарур аст, ки бо истифода аз ин самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодӣ ҳамкориҳоро бо кишврҳои узви сохторҳои ҳамгироӣ роҳандозӣ намоянд ва барои мукаммалгардонии ин раванд тадбирҳо ва чораҳои мушаххас анедшида шавад. Истифодаи ин имкониятҳо дар кишвар метавонад боиси рушди ҳамкориҳо бо сохторҳои ҳамгироӣ ва рушди иқтисодӣ дар маҷмуъ гардад (саҳ. 136 дисс.).

Аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод карда шудааст, ки ворид шудан ба гурӯҳи ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) мувофиқи мақсад аст. Дар навбати худ дуруст зикр менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамаи хатару паёмадҳои имконпазири ин узвиятро таҳлил ва баррасӣ кунад (саҳ. 145 дисс.). Дар ин росто аз ҷониби унвонҷӯ таҳлили ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии аъзогӣ дар ИИАО гузаронида шуда, ки ҳануз Тоҷикистон барои ворид шудан ба чунин як Иттиҳоди гумрукӣ омода нест ва дар сурати пурра омода гардидан метавонад, ки ба он аъзо шавад (саҳ. 153 дисс.).

Дар асоси омӯзиши қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир унвонҷӯ хулоса ва пешниҳодҳои ҷолиби диққат таҳия кардааст, ки он ба таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ дар шароити густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ мусоидат хоҳад кард.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои диссертатсия дар самти таҳқиқи қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир заминаи назариявӣ ва методологии муҳимро барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам меоранд. Муайянсозии равишҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ, таҳлили консепсияҳои гуногуни ин раванд ва ба таври илмӣ асоснок намудани хусусиятҳои ҳамгироӣ ба рушди илми иқтисодӣ, бахусус назарияи ҳамгироӣ, саҳми назаррас мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонд дар таҳияи миллии рушди иқтисодӣ ва таҳлили рандҳои ҳамгироӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои диссертатсия метавоанд дар ташаккули сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироӣ бо созмонҳои

минтақавию байналмилалӣ мусоидат намоянд. Пешниҳодҳо оид ба густариши ҳамкориҳои иқтисодии кишвар бо Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва дигар созмонҳои ҳамгироӣ, ба сиёсатгузорон ва мақомоти давлатии дахлдор имконияти баҳодиҳии самараи ҳамгироӣ ва интихоби самтҳои стратегии ҳамкориро фароҳам меоранд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки ҳамгироии иқтисодӣ барои рушди устувори иқтисоди миллӣ, тақвияти соҳаҳои стратегия иқтисодиёт, афзоиши содирот ва ҷалби сармояи хориҷӣ муҳим мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рақобати бозорӣ, таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки ҳамкории иқтисодии худро бо кишварҳои ҳамгирошаванда муайян намояд.

Раванди ҳамгироии иқтисодӣ на танҳо ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ, балки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Тавассути густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, имкониятҳои шуғл ва сатҳи даромади аҳолӣ баланд гардида, сатҳи некӯаҳволии иҷтимоӣ беҳтар мегардад.

Бо дарназардошти ин аҳамиятҳо тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ, сиёсати ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводи диссертатсия метавонад ҳамчун манбаи таълимӣ дар омӯзиши назарияи иқтисодӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода шавад.

Дар ин замина, қайд кардан бамаврид аст, ки нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли тезис (фишурда), маърузаҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ муҳокима шудаанд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 24 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла, 13 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.**

Диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар

шароити муосир” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ҷавобгӯ буда, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи сазовор донистани довталабони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқат мекунад.

**8. Камбудиву эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе камбудиву эродҳо ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати унвонҷӯ мебошад:

1. Кор бурд мекард агар дар қисмати “Тасвиб ва амалисозии диссертатсия” номгӯ, макон ва санаи иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ мушаххас инъикос мегардид (саҳ. 13 дисс.);

2. Дар қисмати назариявӣ, таърифи ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои он ба таври умумӣ оварда шудааст. Хуб мешуд, агар таърифҳо бо истинод ба манбаъҳои илмӣ муфассалтар ва аниқтар пешниҳод шаванд.

3. Дар қисмати методҳои таҳқиқот қайд шудааст, ки усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва системавӣ истифода шудаанд, аммо дар натиҷа муқоиса бо кишварҳои дигар кам мебошад. Хуб мешуд, агар таҳқиқоти муқоисавӣ бо кишварҳои ҳамсоя, мисли Ӯзбекистон ва Қирғизистон анҷом дода шавад.

4. Хулоса шудааст, ки “Маҳз дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳоте, ки дар 11 соли узвият дар СУС амалӣ карда шуданд, Тоҷикистон пешравиҳои назаррас нишон дода, тавонист рушди миёнаи иқтисодиро 7,1 фоиз таъмин намояд” (саҳ. 85 дисс.), вале ягон таҳлилҳои марбут ба ин дар диссертатсия иҷро нашудааст.

5. Дар мавриди таҳлилҳо ҳамгироии иқтисодӣ асосан бо назария баррасӣ шуда дар баъзе мавридҳо таҳлилҳои оморӣ нопурра мондааст.

6. Дар доираи муайян намудани самтҳои такмили механизми идоракунии равандҳои ҳамгироӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он, муаллиф тавсияҳои мушаххасро нисбати такмили механизмҳои идоракунӣ дар асоси қонуниятҳо пешниҳод мекард, хуб буд.

7. Дар рисола, дар баъзе ҳолатҳо, истилоҳҳо ва ибораҳои нодуруст истифода шудааст (масалан, доктори фанҳои иқтисодӣ).

Эродҳои номбаршуда ҷиддӣ набуда, онҳоислоҳшавандаанд ва

характери тавсиявӣ доранд, ки ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти анҷомдода таъсири манфӣ намерасонад.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Таълифот ва автореферати диссертатсия муҳтаво ва мазмуни диссертатсияро фарогир мебошад.

Кори диссертатсионӣ дар мавзуи “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Зиёев Сулаймон Саъдулоевич сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Р.А.Каримов**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, мкр. 17, бинои 1., Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Тел.:+992 (3422)23811, +992 927246330
Почтаи электронӣ: karimovravshan@mail.ru

**Имзои Р.А. Каримовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсус,** **А.Х.Бобоев**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сана: «11» 03 2025